***УДК: 336.564.2***
***DOI: 10.24412/2411-1945-2023-2-123-130***

# САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИЮ МОЛИЯВИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗИ ДАР СОҲАИ САЙЁҲИИ КИШВАР

***Ҷумъабоев Хуршед Қодирович**, директори ПИТ молия, н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Душанбе, Тоҷикистон)*

# ЭКОНОМИЧЕСКАЯ И ФИНАНСОВАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В ТУРИСТИЧЕСКОЙ СФЕРЕ СТРАНЫ

***Джумабоев Хуршед Кодирович**, директор НИИ финансов, канд.экон.наук, доцент кафедры налогов и налогообложения Таджикского государственного финансового экономического университета (Душанбе, Таджикистан)*

# ECONOMIC AND FINANCIAL EFFICIENCY OF TAX INCENTIVES IN TOURISM SECTOR OF THE COUNTRY

***Jumaboev Khurshed Kodirovich,** Director of Finance Research Institute, Associate Professor of Tax and Taxation Department, Tajik State Financial and Economic University. (Dushanbe, Tajikistan) e-mail: andoz-73@mail.ru*

*Мафҳуми имтиёзи андоз, зарурат ва аҳаммияти татбиқи он дар рушду нумуи соҳаи сайёҳии кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки шумора ва шаклҳои истифодаи амалии он дар давлатҳои хориҷаи дуру наздик вобаста ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи онҳо ва бо назардошти самтҳои афзалиятноки бахшҳои иқтисодиёт аз якдигар фарқ намуда, бо роҳҳои гуногун дар амал татбиқ мешаванд. Таҳлили ҳамаҷонибаи арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозиву гумрукӣ имконият медиҳад, ки зарурияти муқаррар, барҳамдиҳӣ ё такмили минбаъдаи он дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ҳаллу фасл шавад. Инчунин дар асоси маълумоти омории мақомоти андоз масъалаҳои амалии самаранокии имтиёзҳои андоз аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳии кишвар фаъолиятдошта, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз рӯи таҳлилҳои ба анҷом расонида хулоса баровардан мумкин аст, ки имтиёзҳои амалкунандаи қонунгузории андозу гумрук, дар маҷмуъ ба рушди соҳаи сайёҳии кишвар мусоидат намуда истодааст.*

***Калидвожаҳо:** иқтисодиёти миллӣ, қонунгузории андозу гумрук, ширкатҳои сайёҳӣ, вазифаи танзимӣ, буҷети давлатӣ, бахшҳои иқтисодиёт, имтиёзҳои андоз*

*Исследовано понятие “налоговые льготы”, а также необходимость и важность их применения для развития туристической отрасли страны. Отмечено, что количество и формы их практического использования в странах дальнего и ближнего зарубежья различны и реализуются по-разному в зависимости от проводимой социально-экономической политики с учетом приоритетных направлений экономики. Комплексный анализ эффективности налоговых и таможенных льгот позволяет решить вопрос о необходимости их установления, отмены или дальнейшего совершенствования в различных сферах народного хозяйства. Также на основе имеющихся статистических налоговых данных проанализированы практические вопросы эффективности налоговых льгот с точки зрения финансово-экономических показателей хозяйствующих субъектов, осуществляющих деятельность в сфере туризма. По проведенному анализу можно сделать вывод, что в целом действующие льготы по налоговому и таможенному законодательству способствуют развитию туристической отрасли.*

***Ключевые слова:** национальная экономика, налоговое и таможенное законодательство, туристические компании, регулирующая функция, доходы бюджета, отрасли экономики, налоговые льготы*

*This article explores the concept of the term tax incentives, as well as the need and importance of its application in the development of the country's tourism industry. It is noted that the number and forms of its practical use in the countries of far and near abroad are different and are implemented differently depending on their socio-economic policy, taking into account the priority areas of economic sectors. A comprehensive analysis of the assessment of the effectiveness of tax and customs benefits allows us to resolve the issue of the need for their establishment, cancellation or further improvement in various areas of the national economy. Also, based on the available statistical tax data, practical issues of the effectiveness of tax incentives were analyzed from the point of view of financial and economic indicators of economic entities operating in the tourism sector of the country. It is noted that according to the analyzes carried out, it can be concluded that, in general, the existing tax and customs legislation benefits contribute to the development of the country's tourism industry.*

***Keywords:*** *national economy, tax and customs legislation, tourist companies, stimulating function, budget revenues, economy sectors, tax incentive*

Дар байни фишангҳое, ки вазифаи ҳавасмандгардонии андозро амалӣ менамоянд, имтиёзҳои андозӣ яке аз механизми муҳими татбиқи сиёсати андози дилхоҳ давлат ба ҳисоб рафта, бо роҳандозии он мақсадҳои иҷтимоию иқтисодии ин давлат ҳаллу фасл меёбад. Таввасути пешниҳоди шаклҳои гуногуни имтиёзҳои андозӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ба субъектҳои соҳибкорӣ имконият фароҳам оварда мешавад, ки қонунан ӯҳдадориҳои андозии худро бо ин васила кам карда, захираҳои иловагии молиявиро ҳамчун манбаи сармоягузорӣ, дар густариши фаъолияти хоҷагидории худ сафарбар намоянд. Ҳарчанд имтиёзҳои андоз унсурҳои ҳатмии низоми андозбандӣ, аз қабили меъёри андоз, манбаи андозбандӣ, объекти андозбандӣ ва ғайра набошанд ҳам, онҳо дар доираи низоми андози миллии давлатҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар баробари ин, чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, шумора ва шаклҳои истифодаи амалии онҳо дар давлатҳои хориҷаи дуру наздик вобаста ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи онҳо ва бо назардошти самтҳои афзалиятноки бахшҳои иқтисодиёт аз якдигар фарқ намуда, бо роҳҳои гуногун дар амал татбиқ мешаванд.

Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва дигар сабукиҳо аксар вақт ба ҳалли вазифаҳои муайяни иҷтимоӣ ва танзимӣ (масалан, дастгирии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ), ҳавасмандгардонии баъзе намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (масалан, сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, технологияҳои инноватсионӣ), фаъолияти хайриявӣ равона карда мешавад. Сарфи назар аз тафовути баёни масъала, мақсади таҳияи чунин механизми имтиёзҳо аз он иборат мебошад, ки он бояд боиси зиёд шудани истеҳсолот, афзоиши манбаи андозбандӣ ва рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасонӣ гардад [1, с.125].

Алҳол дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи таърифи мафҳуми «имтиёзи андозӣ» ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, пеш аз ҳама барои шарҳ додани таърифи мафҳуми мазкур саравввал бояд ба маънои мафҳуми «имтиёз» таваҷҷӯҳ намоем. Дар асоси шарҳу тавзеҳи мафҳуми «имтиёз», ки дар луғатҳои гуногун оварда шудааст, ин вожа маънои доро будани афзалиятеро ифода менамояд. Масалан, дар луғати тафсирии Ефремова Т.Ф. мафҳуми мавриди назар ҳамчун «ҳуқуқи афзалиятнок барои озод кардан аз ҳама гуна ӯҳдадориҳо, ҳуқуқи истифодаи чизе, ки ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумии муқаррарнамудаи қонун пешбинӣ шудааст» муайян карда шудааст [3,с.690]. Дар Луғати энсиклопедииияи шӯравӣ мафҳуми «имтиёз» – «додани ҳама гуна бартариятҳо, қисман озод кардан аз иҷрои қоидаҳои муқарраршуда, ӯҳдадориҳо ё сода кардани шароити татбиқи онҳо» оварда шудааст [11,с.741]. Дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” бошад ин мафҳуми зерин ба маънои «сабукӣ» шарҳ дода шудааст [15, с.354].

Чи тавре ки мебинем, мафҳуми «имтиёз» дар луғатҳои дузабона ва тафсирии мазкур ба маънои умумии афзалият шарҳу тавзеҳ шудааст ва он ҳамчун истисно пешниҳод мегардад.

Нисбати андозҳо бошад мафҳуми «имтиёзи андозӣ» ба андозсупорандаҳои мушаххас возеҳ муайян карда шудааст. Ҳамзамон, қайд намудан ба маврид аст, ки имтиёзҳои андозӣ бояд хусусияти инфиродӣ надошта бошанд [4, с.41].

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои мафҳуми «имтиёзи андозӣ» асосан ба равшан кардани муқаррароти ин мафҳум ё интихоби калимаҳои алоҳида, ки ҳамчун синоними онҳо маънидод мешаванд, равона карда шудааст. Масалан, олимони рус Романовский М.В. ва Врублевская О. имтиёзи андозро «ҳамчун воситаи расмии кам кардани андозаи (сатҳи) андозбандӣ муайян мекунанд» [10, с.30]. Ба андешаи Малко А.В. имтиёзи андозӣ дар он ифода меёбад, ки «ба мавқеи субъекти хоҷагидор, ё шахси алоҳида сабукии қонунӣ медиҳад, ки қонеъ ё амалӣ гардонидани манфиатҳои он, инчунин мусоидат дар пешниҳоди ҳуқуқҳои иловагии махсус (бартариятҳо) ва озод кардан аз ӯҳдадориҳо равона карда шудааст» [9, с.484]. Соколовская А. имтиёзи андозиро чунин шарҳ додааст: «Саркашӣ аз талаботи меъёрии (қоидаҳои муқарраршудаи) қонунгузории андозбандӣ, дар ҳолати мавҷудияти объекти андозбандӣ барои категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон имкони гирифтани имтиёзҳое, ки аз пардохти андоз (андозҳо) пурра ё қисман озод карда мешаванд ва он боиси кам шудани гаронии андоз мегардад», шарҳ додааст [12, с.23]. Дар асоси суханҳои дар боло гуфташуда таърифи умумии зерини «имтиёзи андозӣ» - ро пешниҳод кардан мумкин аст: бартариятҳое, ки ба фаъолияти муайян ё гурӯҳи андозсупорандагон дар шаклҳои гуногун (пурра ё қисман озод намудан, тахфифҳои андозӣ, паст намудани меъёрҳои андозӣ ва дигар сабукиҳо) пешниҳод шуда, дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои андозсупорандагон гаронии андозро кам мекунад. Дар умум қайд намудан зарур аст, ки имтиёзҳои андозӣ хусусиятҳои зеринро доро мебошанд:

1) даромадҳои буҷетии аз даст рафтаи андозиро ифода менамоянд, яъне он ба кам шудани қисми даромади буҷет оварда мерасонад;

2) аз имтиёзҳо ва сабукиҳои андозии муқарраршудаи қонунгузории андоз нисбат ба инҳирофи низоми базавии андоз ба миён меоянд;

3) ба найли мақсадҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат равона карда мешавад;

4) ба хароҷоти мустақими давлатӣ (маблағҳои буҷетӣ) алтернатива мебошанд.

Мо чунин мешуморем, ки дар доираи арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозӣ ба муқаррароти мафҳуми имтиёзи андозӣ, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 1 январи соли 2022) пешбинӣ шудааст, такя кардан зарур аст. Мувофиқи он «Имтиёзҳои андозӣ бартарияти пешбининамудаи қонунгузории андоз эътироф карда мешаванд, ки ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон дар муқоиса ба андозсупорандагони дигар, аз ҷумла вобаста ба пардохт накардани андоз ё пардохт кардани онҳо, ба андозаи камтар пешниҳод карда мешаванд» [4, с.41].

Ин таърифро метавон ба таври зерин маънидод кард:

– имтиёзи андозӣ танҳо дар доираи қонунгузории андоз муқаррар карда мешаванд;

– имтиёзи андозӣ танҳо ба гурӯҳҳо ё категорияҳои андозсупорандагон дода ё татбиқ карда мешавад;

– меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз характери умумӣ доранд ва характери инфиродӣ дошта наметавонанд;

– пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ имкон медиҳад, ки категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон имтиёзҳои мушаххас ба даст оранд.

Пеш аз ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ он бояд ҳамеша бо далелҳои равшани дорои хусусияти иқтисодӣ ё иҷтимоӣ асоснок карда шавад, яъне ҳадаф ва мақсадҳои ҷорӣ кардани ин имтиёзҳо бо таври мушаххас маълум карда шуда, методика ё тартиби арзёбии муваффақият ё нокомии ин тадбир муқаррар гардад. Таҳлили ҳамаҷонибаи самаранокии имтиёз ва дигар сабукиҳои андозиву гумрукӣ дар асоси нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва молиявии субъектҳои хоҷагидорие, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар аз ин имтиёзҳо баҳравар ҳастанд, арзёбӣ карда, зарурати барҳамдиҳӣ ё такмили

минбаъдаи он дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ масъалагузорӣ карда шавад. Қобили зикр аст, ки дар ин росто тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бахшҳои афзалиятнок зикр шудаанд, ки таъсири мусбати имтиёзҳои андозиро ба сатҳи рушди иқтисоди кишвар дар ояндаи наздик пешбинӣ мекунанд. Аз ҷумла, зикр гардидааст, ки «...ба истисноi соҳаҳои афзалиятноки нав муайяншуда, хориҷкунӣ ва ё азнавтасдиққкунии номгӯи соҳаҳои афзалиятноки дорои имтиёз дар асоси таҳлили самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшуда барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ сурат мегирад» [4, с.41].

Солҳои пеш то қабул ва дар амал татбиқ намудани таҳрири нави Кодекси андоз тибқи қонунгузории андозу гумрук ба субъектҳои хоҷагидорӣ шумораи зиёди имтиёзҳо пешниҳод карда мешуд, аммо ба самара ё натиҷаи ниҳоии сабукиҳои пешниҳодшуда ва таъсири мусбат ё манфии онҳо ва дар маҷмӯъ ба фаъолияти ин субъектҳо аз тарафи мақомоти андози кишвар кам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

Чи тавре ки Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намуда буданд: «Имрӯз барои фаъолияти соҳибкорӣ қариб 100 номгӯи имтиёзҳо пешбинӣ шудааст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизм ва мӯҳлати пешниҳоди имтиёзҳо ва ҳамзамон бо ин, омори онҳо ба танзим даровarda нашуда, аз ҷониби аксарияти вазорату идораҳо ҳисобот оид ба имтиёзҳои амалкунанда ва татбиқшуда ба таври дахлдор пеш бурда намешавад» [13, с.3]. Бинобар ин аз тарафи Роҳбари давлат ба вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ супориш дода шуд, ки санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба тартиби пешниҳод ва арзёбии самаранокии имтиёзҳо таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, бо мақсади арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдор «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» ба тавсиб расонида шуд [8, с.1].

Дар умум самаранокии имтиёзҳои андозиву гумрукӣ қобилияти таъсиррасонии он ба субъектҳои хоҷагидор бо мақсади ноил шудан маҳз ба он ҳадафҳое, ки ин имтиёзҳо ба онҳо равона карда шудааст, ба ҳисоб меравад. То имрӯз арзёбии самаранокии имтиёзҳо аз рӯи се меъёри асосӣ: буҷетӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, имконият пеш меояд, ки дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодии ширкатҳои сайёҳии ватанӣ аҳамият ва вобастагии таъсири мусбат ё манфии имтиёзҳои дар ин соҳа муқарраршударо арзёбӣ намоем.

Сарфи назар аз он, ки пешниҳоди имтиёз ва сабукиҳои андозӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ хароҷоти маблағҳои буҷетиро бевосита ба миён намеорад, вале ҳолати мазкур дар давраи кӯтоҳ метавонад қисми даромади буҷетро кам кунад, ҳол он ки дар сурати гирифтани ин даромад, давлат имконият дошт, ин маблағҳоро ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодие, ки маҳз ба ҳамон имтиёзҳои андозӣ равона карда шуда буд, мавриди истифода қарор диҳад. Дар асоси ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозӣ, ки ба хароҷоти давлатӣ шабоҳат доранд бояд аз ҷиҳати шаффофият ва самаранокӣ ба мисли маблағҳои буҷетӣ, мавриди таҳлил ва санҷиш қарор дода шаванд. Таҳлилҳо имконият медиҳанд, ки самаранок будани имтиёзҳои андозиву гумрукии амалкунандаро дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла соҳаи сайёҳӣ муайян намоем.

Роҳбарияти олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ аҳаммияти махсус зоҳир менамоянд. Бо пешниҳоди Пешвои миллат соли 2018 дар кишварамон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, солҳои 2019-2021-Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид. Бо назардошти дурнамои густариши соҳаи сайёҳӣ, ки яке аз соҳаҳои муҳимми рушди иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад, дар ҷумҳурӣ мақомоти салоҳиятдори танзимкунандаи бахши сайёҳӣ – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ такмил дода шуд. Дар солҳои охир чандин санадҳои танзимкунандаи бахши сайёҳӣ, аз ҷумла, «Стратегияи

рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда(ААИ) ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд», таҳия ва қабул шудааст.

Соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, танзими шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа, аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳимми сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [7, с.1].

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар кишвар ва бо ин васила дастгирии ширкатҳои сайёҳии ватанӣ дар самти сабукнамоии пардохтҳои андозиву гумрукӣ дар солҳои охир дар қонунгузории кишвар тағйироти зарурӣ ворид карда шуд. Аз ҷумла, даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба муҳлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудааст [5, с.1].

Инчунин воридоти таҷҳизоту техника ва маводҳои сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, маркази сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ), ки рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй, миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда(ААИ) ва боҷи гумрукӣ озод гардидааст [6, с.1].

***Диаграммаи №1.***




***Сарчашма**: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ_https://traveltajikistan.tj/]*

Ҷиҳати татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №189 аз 12 апрели соли 2018 номгӯи иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад, муайян карда шуд.

Имтиёзҳои ҷорикарда имконият доданд, ки дар кишвар шумораи ширкатҳои ба фаъолияти сайёҳӣ машғулбуда ва ҳаҷми хизматрасонии онҳо ба сайёҳони хориҷӣ зиёд гардад. Агар дар соли 2017 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ 91 ададро ташкил намуда бошад, пас ин рақам дар соли 2022 ба 288 адад расидааст, ки 3,1 маротиба зиёд мебошад.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд,

давра ба давра зиёд мешавад. Агар он дар соли 2021 517,586 ҳаз. нафар, аз ҷумла 296,318 ҳаз.нафар сайёҳонро ташкил карда бошад, танҳо дар нимсолаи 2-юми соли 2022 ин нишондиҳанда ба 446,065 ҳаз нафар, аз ҷумла 363,089 ҳаз.нафар сайёҳон расида, ба ҳисоби миёна 3 маротиба афзоиш ёфтааст (ниг. ба диаг. №1).

Дар асоси махзани маълумоти Кумитаи андоз дар соли 2017 шумораи коргарони кироя дар маҷмӯъ дар ширкатҳои сайёҳӣ 570 нафар ва фонди музди меҳнат 5,6 млн сомониро ташкил додааст, ки мутаносибан ин рақамҳо соли 2018 ба 654 нафар ва 7,2 млн сомонӣ, соли 2019 ба 801 нафар ва 8,8 млн сомонӣ ва соли 2020 ба 641 нафар ва 6,7 млн сомонӣ баробар гардида, дар давраи муқоисашаванда афзоиши он мутаносибан 71 нафар коргар ва 1,1 млн сомонӣ фонди музди меҳнатро ташкил кардааст [14, с.22].

Тибқи ҷадвали №1 соли 2017 музди миёнаи моҳонаи коргари соҳаи мазкур 815 сомониро ташкил дод, ки он соли 2018 ба 920 сомонӣ, соли 2019 ба 919 сомонӣ ва соли 2020 ба 867 сомонӣ баробар гардида, соли 2020 нисбат ба соли 2017 51 сомонӣ зиёд шудааст.

***Ҷадвали №1.***

***Нишондиҳандаҳои иҷтимоии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2020***

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Шумораи умумии кормандон (нафар) | 570 | 654 | 801 | 641 |
| 2 | Фонди музди меҳнат (млн сомонӣ) | 5,6 | 7,2 | 8,8 | 6,7 |
| 3 | Музди миёнаи меҳнат (сомонӣ) | 815 | 920 | 919 | 867 |

***Сарчашма:*** *Дар асоси маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.*

Таҳлили нишондиҳандаҳои омори мақомоти андози кишвар нишон медиҳад, ки агар соли 2017 даромади умумии ширкатҳои сайёҳӣ дар маҷмӯъ 8,6 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2018 ба 16,7 млн сомонӣ, соли 2019 ба 28,1 млн сомонӣ ва соли 2020 ба 24,7 млн сомонӣ баробар гардидааст. Соли 2020 даромади умумӣ нисбат ба соли 2017 ба маблағи 16,1 млн сомонӣ ё 1,8 маротиба зиёд шудааст.

Соли 2017 фоидаи ширкатҳои сайёҳӣ 2,4 млн сомонӣ, соли 2018 4,9 млн сомонӣ, соли 2019 8,0 млн сомонӣ ва соли 2020 ба 5,5 млн сомонӣ расидааст. Фоидаи соли 2020 нисбат ба соли 2017 2,3 маротиба зиёд мебошад. Тибқи ҳисобот соли 2020 даромаднокии соҳаи мазкур 22,4 фоизро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2017 6,1 фоиз кам мебошад [14, с.23].

Арзиши воситаҳои асосии ширкатҳои дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда дар соли 2017 маблағи 8,0 млн сомониро ташкил намудаст. Нишондиҳандаи мазкур соли 2018 ба 12,8 млн сомонӣ, соли 2019 ба 29,6 млн сомонӣ ва соли 2020 ба 200,8 млн сомонӣ баробар гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур соли 2020 нисбат ба соли 2017 ба маблағи 192,8 млн сомонӣ ё худ 24,1 маротиба афзоиш ёфтааст.

Маблағи ҳисобшудаи андозҳои соҳаи мазкур дар соли 2017 5,9 млн сомониро ташкил дода, он соли 2018 ба 6,8 млн сомонӣ, соли 2019 ба 8,0 млн сомонӣ ва соли 2020 ба 6,5 млн сомонӣ баробар гардидааст. Афзоиш дар соли 2020 нисбат ба соли 2017 дар маҷмӯъ 11,9 фоизро ташкил медиҳад. Имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозиву гумрукӣ ба соҳаи мазкур ба қисми даромади буҷети давлатӣ таъсири худро гузоштанд. Дар асоси маълумоти омории мақомоти андози кишвар дар маҷмуъ маблағи андоз аз фоидаи (андози низоми содакардашуда) ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба соҳаи сайёҳӣ барои давраҳои таҳлилшаванда дар маҷмӯъ ба 2,4 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2017-ум 0,3 млн сомонӣ, дар соли 2018-ум 0,6 млн сомонӣ, дар соли 2019-ум 1,0 млн сомонӣ ва дар соли 2020 бошад 0,5 млн сомониро ташкил кардааст.

***Ҷадвали №2.***

***Маблағи пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо дар соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2017-2020***

| № | Номгӯй | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| **1** | Шумораи субъектҳои аз имтиёз бархурдоршуда, аз ҷумла (адад) | 0 | 3 | 5 | 11 |
| **1.1** | - соҳибкорони инфиродӣ | 0 | 1 | 1 | 0 |
| **1.2** | - шахсони ҳуқуқӣ | 0 | 2 | 4 | 11 |
| **2** | Арзиши гумрукӣ (бо млн доллари ИМА) | 0 | 3,5 | 1,4 | 3,7 |
| **3** | Пардохтҳои гумрукии озодшуда, аз ҷумла (бо млн сомонӣ) | 0 | 8,2 | 3,5 | 9,2 |
| **3.1** | - ААИ | 0 | 6,3 | 2,4 | 7,3 |
| **3.2** | - боҷи гумрукӣ | 0 | 1,9 | 1,1 | 1,9 |

***Сарчашма**: дар асоси маълумоти Хадамоти гумруки назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.*

Дар давраи солҳои 2017-2020 маблағи андоз аз фоидаи (андози низоми содакардашуда) ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба ширкатҳои сайёҳӣ мутаносибан 5,4 фоиз, 9,0 фоиз, 12,8 фоиз ва 7,3 фоизи маблағи андозҳои ҳисобшудаи ширкатҳои мазкурро дар давраҳои мазкур ташкил намуд.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои ҷад.№2 маблағи пардохтҳои гумрукии аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳои дар соҳаи сайёҳӣ ба буҷети давлатӣ вориднагардида дар маҷмуъ 20,9 млн сомонӣ, мутаносибан дар соли 2018 8,2 млн сомонӣ, дар соли 2019 3,5 млн сомонӣ ва дар соли 2020 9,2 млн сомониро ташкил медиҳад.

Таҳлил ва арзёбӣ нишон дод, ки имтиёзҳои андозиву гумрукии ба соҳаи сайёҳӣ пешниҳодшуда дар маҷмуъ самаранок мебошанд, зеро аз нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва молиявии субъектҳои соҳаи мазкур маълум гардид, ки он дар солҳои охир тамоюл ба зиёдшавӣ дошта, ба рушди он таъсири мусбат расонида истодааст.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Джумабоев Х.К. [Текст] Вопросы теории и практики эффективности налоговых льгот / Х.К. Джумабоев // Современная налоговая система: состояние, проблемы и перспективы развития. Материалы XV Международной научной конференции. – Уфа, 8 июня 2022г. – С. 14-20.*
2. *Джумабоев Х.К [Текст] Этапы становления и развития налоговой системы Республики Таджикистан и пути ее совершенствования в условиях рыночной экономики / Х.К. Джумабоев,Ф,Т.Шодиев // Вестник Кыргызского экономического Университета имени М.Р. Рыскулбекова №2(36). – Бишкек, 2016. -С.21-24-ISSN 1694-5778.*
3. *Ефремова Т.Ф. Толковый словарь русского языка. Москва: Русский язык, 2000. – 1356 с.*
4. *Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2021. – 324 с.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, таҳти №1423. [Манбаи электронӣ https://andoz.tj] (санаи муроҷиат: 25.04.23)*
6. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, таҳти №142. [Манбаи электронӣ https: // .customs.tj] (санаи муроҷиат: 25.04.23)*
7. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «1» августи соли 2018, таҳти №372 «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030». [Манбаи электронӣ: https://traveltajikistan.tj/] (санаи муроҷиат: 25.04.23)*

8. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» аз 31.12.2020, таҳти №670 / – Душанбе, 2020. – 31с.*
9. *Малько А.В. [Текст] Льготы, привилегии и иммунитеты в праве / Матузов П.П., Малько А.В. Теория государства и права. Москва: Юрист, 2006. – 645 с.*
10. *Налоги и налогообложение [Текст] / Под ред. М.В. Романовского, О.В. Врублевской. СПб.: Питер, 2010. – 528 с.*
11. *Советский энциклопедический словарь.-Москва:Советская энциклопедия,1990. – 1356 с.*
12. *Соколовская А. [Текст] Материалы третьего Украино-Российского налогового симпозиума «Теоретические и практические аспекты предоставления налоговых льгот».- Киев, 2012. – 175 с.*
13. *Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суханронии Пешвои миллат, Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Точикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар 10.05.2019. ш.Душанбе. [Манбаи электронӣ: http://www.president.tj] (санаи мурочиат: 25.04.23)*
14. *Ҳисобот оид ба баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ. –Душанбе, 2021. – 39с.*
15. *Луғати русӣ-тоҷикӣ. М.: Русский язык.1985. – 1280с.*

### *REFERENCES:*

1. *Jumaboev Kh.K. [Text]Questions of Theory and Practice of Efficiency of Tax Incentive / Kh.K. Jumaboev // Modern Tax System: Condition, Problems and Prospects of Development.Materials of XV International Scientific Conference. – Ufa, June 8, 2022 – PP. 14-20*
2. *Jumaboev Kh.K. [Text]Steps of Formation and Development of tax System of Tajikistan Republic and the Ways of its Effect in the Condition of Market Economy / Kh.K. Jumaboev, F.T.Shodiev // Bulletin of Kyrgyz Economic University named after M.R.Ryskulbekov №2(36). – Bishkek, 2016. -PP.21-24-ISSN 1694-5778.*
3. *Efremova T.F. Glossary of Russian Language. M.:Russian language, 2000. – 1356 pp.*
4. *Tax Code of Tajikistan Republic. – Dushanbe:Sharqi Ozod, 2021. – 324 pp.*
5. *Law of Tajikistan Republic "About the Suppliments to the Tax Code of Tajikistan Republic from May 30, 2017, under the number №1423. [Electronic resource https://andoz.tj] (date of appeal: 25.04.23)*
6. *Law of Tajikstan Republic " On the Suppliments to the Customs Code of Tajikistan Republic from May 30, 2017, under the number №142. [Electronic resource https: // .customs.tj] (date of appeal: 25.04.23)*
7. *The Order of the Government of Tajikistan Republic from August 1, 2018, under the number №372 « Tourism development strategy in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030». [Electronic resource: https://traveltajikistan.tj/] (date of appeal: 25.04.23)*
8. *The Order of the Government of the Republic of Tajikistan "On the procedure for providing tax and customs benefits" from 31.12.2020, under the number №670 / – Dushanbe, 2020. – 31pp.*
9. *Malko A.V.. [Text] Benefits, privileges and immunities in rights /Matuzov P.P., Malko A.V. State Theory and Law. M.: Urist, 2006. – 645 pp.*
10. *Tax and Taxing [Text] / Under the Editorship M.V.Romonovsky, O.V.Vrublevsky. Saint-Petersburg: Peter, 2010. – 528 pp.*
11. *Soviet Encyclopedia. M.: Soviet Encyclopedia,1990. – 1356 pp.*
12. *Sokolovskaya A. [Text] The Third Materials of Ukraine-Russian Tax Symposium «Theoretical and Practical Aspects of Awarding of Tax Benefits» Kiev – 2012. – 175 pp.*
13. *Press service of the President of the Republic of Tajikistan. Speech of the Leader of the Nation, Founder of National Peace and Unity, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at a meeting with employees of the finance, tax, customs and banking sectors of the country 10.05.2019. Dushanbe. [Electronic resource: http://www.president.tj] (date of appeal: 25.04.23)*
14. *Report on the assessment of the effectiveness of tax and customs benefits. –Dushanbe, 2021. – 39pp.*
15. *Russian-Tajik Dictionary. M.: Russian language. 1985. – 1280pp.*